**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Суроға: 734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабаев 42/2 тел: (992-37) 233-08-54, факс (992-37) 233-09-36**
**www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783**

№ 2480/7.1 аз «29» 03 соли 2013

Мақомоти ҳудудии андоз
Шуъбаю бахшҳои
бақайдгирии давлатӣ

Мутобиқи муқаррароти моддаи 327 Кодекси андоз ва бандҳои 28, 31 ва 32 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №451 аз 31.08.2012 соҳибкорони инфиродие, ки даромади умумиашон аз ҳадди ниҳоии даромад барои низоми патентӣ аз 100 ҳазор сомонӣ ва барои шаҳодатнома аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд мебошанд, инчунин нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, гази моеъ ва табиӣ, таъсиси бозорҳо, меҳмонхонаҳо, хизматрасониҳои варзишӣ, масоҳати ҷойи фаъолият барои савдо, хизматрасонӣ ва ё хӯроки умумӣ аз 30 м² зиёд мебошад, то 01.04.2013 бояд ба низоми дигари андозбандӣ гузаранд.

Ҳамзамон тибқи талаботи қисми 3 моддаи 327 Кодекси андоз супорандагони андоз тибқи низоми соддакардашуда, ки даромади умумиашон дар соли 2012 аз ҳадди дахлдори даромад бештар мебошад, бояд то 1-уми январи соли 2013 ба низоми умумии андозбандӣ гузаранд ва барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гирифта шаванд.

Кумитаи андоз дар асоси қонунгузории андоз мақомоти ҳудудии андозро тибқи мактубҳои дастурии №6262/7.1 аз 12.11.2012 ва №6311/7.1 аз 14.11.2012 вазифадор намуда буд, ки ба соҳибкорон огоҳиномаҳо дода, барои дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гузронидани соҳибкорон ба низомҳои дахлдори андозбандӣ чораҳои қатъӣ андешанд.

Аз ҷониби мутахассисони Кумитаи андоз дар баъзе нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ корҳои таҳлилӣ оид ба ҳолати гузариши андозсупорандагон ба низомҳои дигари андозбандӣ гузаронида шуд. Аз рафти таҳлилҳо муайян карда шуд, ки кор дар самти мазкур ғайриқаноатбахш мебошад.

**Бинобар ҳолатҳои зерин, сардорони мақомотҳои андоз ва шуъбаю бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вазифадор карда мешаванд, ки то 01.07.2013 бе андешидани чораҳои маъмурӣ андозсупорандагонро бо пардохти боҷи давлатӣ ба низомҳои дахлдори андозбандӣ гузаронанд.**

Аксари нозиротҳои андоз барои соҳибкороне, ки бояд аз як низом ба низоми дигари андозбандӣ гузаранд, маълумоти зарурӣ надоранд ва ё дидаву дониста барои нагузаштан ба низоми дигари андозбандӣ ба соҳибкороне, ки ҳадди даромадашон ба низоми дигари андозбандӣ мутобиқат менамояд мусоидат менамоянд.

Ҳамзамон муайян карда шуд, ки дар аксари бозорҳои калон ва марказҳои тиҷоратӣ шаҳрвандон бе қайди мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд. Чунин ҳолат бештар дар бозорҳои "Корвон", "Шоҳмансур", "Варзоб", "Ҷал-Ҷам", "Сафариён", марказҳои калони савдои "Саодат", "Садбарг", "Мармариён" и ш. Душанбе, бозорҳои шаҳри Қурғонтеппа, Ваҳдат, Чкалов, ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Ҳисор мушоҳида карда шуд.

Барои муайян намудани ҳолати гузариш ва доир намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон мақомоти ҳудудии андоз мунтазам вазифадор карда шуданд, ки тибқи ҷадвалҳои тартибдодашуда ба Кумитаи андоз маълумотнома пешниҳод намоянд.

Мутаассифона, баъзе мақомоти андоз аз ҷумла, Раёсати андоз дар ВМКБ, нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Ҷ.Расулов, Варзоб, Бохтар, Хуросон, Қубодиён, Фархор, Рашт, Тавилдара, Нуробод ва Рогун супоришҳои Кумитаи андозро сарфи назар намуда, дар мӯҳлатҳои муқарраршуда маълумоти зарурӣ пешниҳод накарданд.

Ҳамзамон, ҳолати гузариши андозсупорандагон ба санаи 28 марти соли 2013 дар мақомоти андози ВМКБ, Раёсати андоз дар ш.Душанбе - 27%, ноҳияҳои Сино - 20%, Қайроққум - 25%, Панҷакент - 15%, Ашт - 25%, Зафаробод – 23%, Б.Ғафуров - 7%, Истаравшан – 2%, Чкалов – 8%, Айнӣ – 23%, Мастчоҳ – аз патент ба шаҳодатнома – 0%, Шаҳристон – 0%, Бохтар аз шаҳодатнома ба шахси ҳуқуқӣ – 0%, Ҷиликул – 17%, Панҷ – 17%, Шаҳритус – 17%, Ёвон – 16%, Данғара – 9%, Кӯлоб – 36%, Восеъ – 25% ва Темурмалик – 9% ташвишовар мебошад.

Бинобар ҳолатҳои зикргардида, сардорони мақомотҳои андоз иловатан вазифадор карда мешаванд, ки ба рафти гузариши андозсупорандагон аз як низом ба низоми дигари андозбандӣ суръат бахшида, камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, ба Кумитаи андоз то 05.04.2013 маълумоти иловагӣ пешниҳод намоянд.

Масъалаҳои зикргардида дар Машварати навбатии Кумитаи андоз муҳокима карда мешавад.

Раис Н. Давлатов